**ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД: 338 (072.8)**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**



**СУЛТОНОВ АБДУРАҲМОН НЕЪМОНОВИЧ**

# БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ РАВАНДҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ БА СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣаз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт

**Душанбе – 2025**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Тошматов Маҳмуд Неъматович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор, муовини аввал-мувоини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилоти Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Қодирова Заррина Ҳалимовна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**Ойматов Бахтиёр Шорахматович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Химояи диссертатсия «14» марти соли 2025, соати $10^{00}$ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/4, E-mail: faridullo72@mail.ru. Телефони котиботи илмӣ (+992) 935730010.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва тавассути сомонаи www.tgfeu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «  » _________________ соли 2025 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар замони имрӯза вазъи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сатҳи самаранокии фаъолияти корхонаю муассисаҳо, ки аз рӯи намуди фаъолият, иҷрои вазифаҳо ва шаклҳои ҳуқуқию – ташкилиашон фарқ мекунанд алоқамандии зич дорад. Таҳаввулоти рушди иқтисодиёт ва таҷрибаи давлатҳои тараққи карда нишон медиҳад, ки дар давраи дарозмуддат самаранокии иқтисодиёти ҷумҳурӣ бештар аз фаъолияти муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки ба масъалаҳои иҷтимоӣ машғул мебошанд вобастагии назаррас дорад. Дар ҳолати набудани шароит барои фаъолияти ин гуна ташкилотҳо самаранокии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ коҳиш меёбад. Фаъолияти инсоният дар асри XXI ба натиҷаҳои баланди пешравиҳои илмӣ-технологӣ, ки сарчашмаи асосии рушди иқтисодиёти миллӣ дониста мешаванд, ҳамоҳангӣ дорад. Бинобар ин, аз рӯи тартиботҳои муосир бояд иқтидори шахсият, ки ивазкунандаи меъёри баҳодиҳии самараи фаъолияти истеҳсолӣ ва идоракунӣ дониста мешавад, кушода шавад.

Дониш дар рушди ҷомеаи имрӯза як захираи калидӣ дониста шуда, пешсафтар аз нақши дигар омилҳои молиявӣ ва меҳнатии рушди иқтисодиёт: захираҳои моддӣ ва таббиӣ дониста шудааст. Ин омили асосии пешрафти ҷомеа дар Паёми Асозгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин дарҷ гардилдааст «Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад»[1].

Сатҳи саводнокӣ, баланд бардоштани он ба иқтидори зеҳнӣ ва сатҳи кордонии таъсир расонида, самаранокии ҳама намуди фаъолияти ҷомеаро таъмин менамояд. Нақши асосиро дар ин самт соҳаи маориф, махсусан соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мегирад. Бинобар ин, ба талаботи муосир мувофиқ сохтани соҳаи таҳсилоти олии касбӣ иҷрои як қатор вазифаҳои муҳимро талаб менамояд.

Дар шароити имрӯза рушди соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармоягузории иловагӣ эҳтиёҷ дошта, рушди минбаъдаи он аз самаранок истифодабарии захираҳои молиявӣ вобагӣ дорад. Ҳолати муосири соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат муайянкунандаи муҳимтарин мушкилоти рушди усулҳои иқтисодии идоракунӣ ва сармоягузорӣ ба ин соҳа мебошад. Бартараф кардани як қатор мушкилоти ҳаётан муҳим барои ҷомеи муосири Тоҷикистон бо роҳи илман асоснок кардани чараёнҳо ба даст оварда мешавад.

Баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ ва бо талаботи муосири бозори меҳнат ҷавобгӯ будани мутахассисон, касбияти омӯзгорон, базаи моддӣ-техникии муассисаҳои олии касбӣ, зарурати объективии ҷустуҷӯи сарчашмаҳои мувофиқи буҷетӣ ва ғайрибуҷетии маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баланд бардоштани

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ш. Душанбе, 23.12.2022 саҳ. 35.

самаранокии онҳо яке аз масъалаҳои муҳими мавзӯи рисолаи таҳқиқотӣ дониста шудааст.

**Дарачаи таҳқиқи мазуи илмӣ.** Равандҳои сармоягузорӣ ва хусусиятҳои хоси ҷолибнокии онҳо дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар корҳои илмии олимон – иқтисодшиносони ватанӣ инъикос ёфтаанд, аз ҷумла: Катаев А.Ҳ., Комилов С.Ҷ., Қаюмов Н.Қ., Назаров Т.Н., Раҳимов Р.К., Саидмуродов Л.Ҳ., Тошматов М.Н., Усманова Т.Ҷ., Шарифов З.Р., Ҷураева А., Солиева М.Х., Фақеров Ҳ.Н. ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Нақши сармоягузориҳо дар рушди хизматрасониҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва навсозии соҳаи таълимот дар шароити дигаргуншавии иқтисодиёт дар асарҳои олимони рус ба мисли, Андрианова Ю.О., Генцова А., Денисова О.В., Журавлева Г.П., Зимина Е.В., Кошев П.Д., Магомедова Ҷ.Х., Молчанов И.Н., Полежаева Г.Т., Степанова О.М., Щетинина В., Халин В.Г. ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Масъалаи баланд бардоштани самранокии сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҷониби олимони гуногуни Шарқ низ таҳқиқ шудаст, ки муҳимтарин ҷанбаи асарҳои онҳо дар фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва таъсири он ба баланд бардоштани сифати таълим равона шудааст. Рушди табиати равандҳои сармоягузорӣ дар асарҳои олимони машҳури илми иқтисод Маркс К., Смит А., Сэя Ж.Б., Риккардо Д., Пигу А., Милл, Д.С., Маршалл А. ва дигарон оварда шудаанд, ки яке аз аввалин фаҳмишҳо оид ба сармоя ва сармоягузорӣ дониста шудаанд.

Новобаста ба таҳқиқотҳои гузаронидаи олимон ва натиҷаҳои назарраси онҳо дар самти мазкур боз мушкилотҳое мавҷуданд, ки баррасии онҳо ҳанӯз ҳам назаррас намебошанд. Муҳимтарин масъалаи мазкур ин муайян намудани манбаҳои имконпазири сармоя ва ба ин васила афзун намудани равандҳои сармоягузорӣ ба хизматрасониҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад. Чунин ҳолати мазкур мақсад, вазифа ва самти рисолаи диссертатсионии мо ба шумор меравад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ тасдиқшудаи давлатӣ, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаҳои давлатии таъмини муассисаҳои таълимӣ-илмӣ ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, ки ба консепсияи рушди таҳсилоти олӣ дар Ҷумухрии Тоҷикистон ва консепсияи таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунанд, иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот -** аз омӯзиши хусусиятҳои хоси назариявӣ ва амалии тезонидани равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон ва таҳияи тавсияҳову пешниҳодҳо доир ба афзун намудани сармоягузориҳо ва самаранокии он вобаста мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар мувофиқа ба мақсади гузошта ҳалли вазифаҳои зерин гузошта шуд:

- таҳқиқӣ моҳияти иқтисодӣ, сарчашмаҳо ва сохтори сармогузориҳо;

- таҳлили ҷолибияти сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- баҳодиҳии фондҳои асосӣ ва таъмини маблағгузорӣ соҳаи (ТОК) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- афзуннамоии самаранокии маблағгузории воситаҳои буҷетӣ дар соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ;
- ҳисоби самаранокии маблағгузориҳои давлатӣ ба соҳаи хизматрасониҳои (ТОК);
- коркарди пешниҳодҳо барои баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузориҳо ба соҳаи (ТОК).

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти рисолаи таҳқиқотӣ диссертатсионӣ муассисаҳои хизматрасон дар соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумухрии Тоҷикистон интихоб гардидаанд.

**Мазуи таҳқиқот**. Низоми муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодие, ки дар низоми таҳсилоти олии касбӣ барои баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба вуҷуд меоянд интихоб шудааст.

**Фарзияи таҳқиқот** аз он иборат аст, ки баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба хизматрасониҳои соҳаи ТОК ба тайёркунии мутахассисон ба ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ ва қонеъ намудани талаботи бозори меҳнат алоқамандии зич дошта, дар таъмини рушди бемайлони иқтисодиёт нақши хеле зиёд дорад.

Таҳқиқоти масъалаи мазкур имкони нишон додани мушкилотҳоро дар муайян намудани равандҳои асосии баланд бардоштани самаранокии сармоягузориҳо ба соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ додааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои муҳмими олимони хориҷӣ ва тоҷик, дастовардҳои илмии намояндагони мактабҳо ва равандҳои гуногун оид ба мавзуи диссертатсионӣ, нашриётҳо дар матбуоти даврӣ, конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, санадҳои амалкунандаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба соҳаи сармоя ва фаъолияти сармоягузорӣ алоқаманданд ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** дар раванди таҳқиқот вобаста ба вазифваҳои иҷрогардида усулҳои гуногун, ба монанди усулҳои логистикӣ, системавӣ, регрессионӣ-коррелатсионӣ, муқоисавӣ ва таҳлилҳои иқтисодӣ-оморӣ истифода бурда шудаанд.

**Сарчашмаи маълумотро** санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузоришҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маводҳо ва ҳисоботҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иниститутҳои байналхалқии молиявӣ, натиҷаҳои таҳлиливу хулосаҳои институтҳои давлатӣ, таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, таҷрибаи давлатҳои пешрафта ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқотӣ** аз муайян намудани тамоюл ва хусусиятҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ ва коркарди минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва методологии ҷалб ва баланд бардоштани нақши сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ барои таъмини сифати тайёр кардани мутахассисон ва ба ин васила таъмини рушди босуботи иқтисодиёти кишвар иборат мебошад:

1. Аҳамият ва бартарияти соҳаи хизматрасониҳои ТОК ва нақши он дар рушди иқтисодиёт, ки асоси талабот ва самтҳои муҳимтраини пешрафти ҷомеи муосир мебошад, нишон дода шуд, моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, муқаррароти муаллифӣ доир ба мафҳуми сармоя ва сармоягузорӣ нишон дода шудааст, бори аввал моҳияти равандҳои сармоягузорӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумуҳрии Тоҷикистон бо назардошти тамоми мушкилот ва хусусиятҳои хосашон, ки яке аз муҳимтарин масъалаи пешрафти ин соҳа дониста мешаванд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ҳамзамон усулҳои муосири муайянкунии самаранокии сармоягузорӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ нишон дода шудааст;
2. Асосонок карда шудааст, ки барои мувозинатии рушди иқтисодиёти мамлакат истифодаи самараноки сармоягузориҳои ба низоми хизматрасониҳои ТОК равона гардида хело зарур дониста мешавад, зеро шароит барои муассисаҳои таълимӣ дар тайёркунии мутахассисони баланд ихтисос, рақобатпазир чи дар сатҳи маҳаллӣ ва чи дар сатҳи байналмилалӣ фароҳам меоранд;
3. Хусусиятҳои хоси сармоягузориҳо ба низоми таҳсилоти олии кабии ҶТ дар шароитҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар асоси таҳлили таҷрибаи давлтҳои пешрафта муайян карда шуда, модели сарчашмаҳои асосии сармоягузорӣ ба соҳаи таҳсилоти олии кабӣ таҳия гардида, инчунин нақши сармояи инсонӣ дар сохтори бойгарии миллӣ нишон дода шудааст;
4. Аввалин маротиба илман асосноккунии самаранокии сармоягузориҳо дар соҳаи таҳсилоти олии кишвар вобаста аз маълумотҳои мавҷуда бо истифодаи меъёрҳои муосир мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Инчунин бо роҳи муосир муҳлати хароҷотбарорӣ ва даромаднокии сармоягузориҳо ба соҳаи таҳсилоти олии кишвар муайян карда шуд. Ҳамзамон фонҳои асосӣ ва сатҳи истифодабарии онҳо ҳамчун объекти асосии сармоягузорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбии малакат баҳогузорӣ карда шуд;
5. Омилҳои асосие, ки ба самранокии низоми сармоягузорҳо соҳаи ТОК дар шароити норасогии сарчашмаҳои буҷетӣ таъсир мерасонанд, муайян карда шуд. Зарурати ҷолибнокии сарчашмаҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ дар соҳаи ТОК, ки нақши муҳимро дар рушди ин соҳа мебозанд асоснок карда шудааст;
6. Илман асосноккардани диверсификатсияи сохтори хароҷоти соҳаи ТОК дар шароити дигаргуншавии иқтисодиёт мавриди омӯзиш қарор гирифта,

собит гардид, ки диверсификатсияи хароҷот зарурияти хос барои самарнок истифодабарии маблағгузориҳо ба ин соҳа дорад.

Нутаҳои ҳимояшавандаи рисолаи диссертатсионӣ:

1. Назарияи муаллифии «сармоягузорӣ» ва гурӯҳбандии онҳо пешниҳод гардидааст;

2. Сифати тайёркунии мутахассисони баландихтисоси рақобатпазир дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ баҳогузори карда шудааст;

3. Вазъи муосири сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир баҳодиҳӣ гардид;

4. Дар асоси истифодаи усули даромади софи холис (NPV) муҳлати баргардонидани сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст;

5. Вобастагии ҳаҷми умумии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз ҳаҷми маблағгузориҳо ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва баҳодиҳӣ гардида, пешниҳод карда шудааст;

6. Роҳҳои баланд бардоштани истифодаи самараноки сармоягузориҳо ва диверсификатсияи хароҷот дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гарида пешниҳод шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ-амалии таҳқиқот.** Хулосабандиҳо ва тавсияҳое, ки ҳангоми таҳқиқи рисолаи диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, метавон барои баланд бардоштани босамарии равандҳои сармоягузорӣ дар хизматрасониҳои гуногуни муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ новобаста аз шакли моликияташон истифода намуд. Ҳама натиҷаҳои бадасомадаи таҳқиқот ба уновонҷӯ имкони баҳодиҳии маҷмуии тартиботи назариявии мукаммалгардонӣ ва баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузориҳоро ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ додааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** дар навбати аввал истифодаи дурусти маълумотҳои оморӣ ва воқеънигории маълумотҳо дар бораи объект ва мавзӯи таҳқиқот, истифодаи иттилоот дар бораи самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ менамоянд. Ҳама натиҷанокии таҳқиқоти гузаронида ба муҳаққиқ имконияти баҳодиҳии ҳамаҷонибаи тартиботи мавҷудаи назариявиро оид ба мукаммалгардонии афзун намудани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ додааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Кори диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоӣ 08.00.05.02– Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 8. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи афзорҳои бозорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 11. Арзиши аслии молҳо ва хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 12. Методология ва афзорҳои муайян намудани нарх ба маҳсулот ва хизматрасониҳои илмӣ, таҳсилотӣ ва иҷтимоӣ; 16. Таҳкими иқтидори иқтисодиву иҷтимоии хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва

иҷтимоиёт; 18. Маблағгузории бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 19. Рушди ҳамкориҳои муассисаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт бо субъектҳои соҳаҳои дигари иқтисодиёт.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳама марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсия, ки аз таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамии он, инчунин мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот иборатанд, бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шудаанд. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки дар таҳия ва асосноккунии самтҳои асосии самаранок истифодабарии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон, ҷамъоварӣ ва таҳлилу баҳодиҳии маълумотҳои оморӣ дар соҳаи мазкур саҳми назариявӣ гузорад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар, ки дар солҳои 2019-2023 баргузор гардида буданд, аз ҷониби муаллиф маърӯза гардидаанд, аз ҷумла "Масъалаҳои таъмини самаранокии ҳамбастагии илм ва истеҳсолот" (ш. Душанбе 2020), "Самтҳои молиявии саноаткунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон" (ш. Душанбе 2022)

**Интишороти натиҷаҳои диссертатсия.** Аз рӯи маводи кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 8 мақола дар ҳаҷми умумии 2,67 ҷ.ч. чоп гардидааст, ки аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайдгирифта, нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда бо 162 номгӯ иборат буда, дар маҷмуъ 169 саҳифаи матни компютериро ташкил додааст. Диссертатсияи мазкур 28 ҷадвал, 6 расм ва 6 диаграммаро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар "Муқаддима"-и** рислаи диссертатсионии мазкур аҳамият ва муосир будани мавзуи таҳқиқоти асоснок карда, мақсад, вазифаҳо, предмет ва объекти таҳқиқот муайян карда шуда, навовариҳои илмӣ, баррасии рисола ва муҳимияти амалии натиҷаҳои бадастомада, тавзеҳ шудаанд.

**Дар боби аввали рисолаи диссертатсионӣ** "**Асосҳои назариявии таҳқиқи самаранокии сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ**" Таҳқиқи асосҳои назариявии моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ, аҳамияти соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ, алалхусус ТОК дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ақидаҳои олимони иқтисодшинос оид ба соҳаи маориф, ҳамчун соҳаи асосии ташкилкунандаи сармояи инсонӣ, усулҳои муайянкунии самаранокии сармоягузориҳо ба соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ баррасӣ шудааст.

Таҳқиқи мавзуъ имкон дод, ки натиҷаи таҳқиқоти муҳаққиқони гуногунро оид ба моҳияти сармоя ва сармоягузорӣ омӯхта шаванд (ҷадвали 1). Вобаста ба ин таҳқиқотҳо муайян карда шуд, ки дар илми имрӯза моҳияти умумӣ ё ягона оид ба моҳияти сармоягузорӣ вуҷуд надорад.

**Ҷадвали 1. - Шарҳи мафҳуми сармоягузорӣ аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ**

| Муаллиф | Мафҳум |
|---|---|
| Адам Смит | "сармоягузорҳо ҳамчун воситаи асосии ташкили ҷараёнҳои истеҳсолӣ мебошанд". |
| Карл Маркс | "сармоя ин арзишест, ки бавуҷудорандаи арзиши иловагӣ мебошад". |
| Ҷон Кенс | "сармоягузорӣ – ин зиёдшавии ҷории арзиши сармоя дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ дар ҳамин давра буда, ҳамон қисмати даромаде мебошад, ки дар давраи ҷорӣ барои истеъмолот истифода бурда нашудааст" |
| У. Шарп | "сармоягузорӣ ин дасткашиндан аз истифодаи маблағҳо имрӯз ба хотири дар оянда зиёд намудани онҳо мебошад" |
| Игонина Л.Л. | "сармоягузориҳо – ин низоми муносибатҳои иқтисодӣ буда ба ҳамон арзише, ки ба фондҳои асосӣ аз лаҳзаи ҷалби воситаҳои пулӣ то лаҳзаи талофии онҳо пешпардохт шудааст алоқаманд мебошанд" |
| В.В. Ковалев | **"**сармоягузориҳо ин воситаҳои пулии худие фаҳмида мешаванд, ки дар якчанд намуди дороиҳо гузошта мешаванд" |
| Видяпина В.И. Добрынина А.И. | **"**зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот аз ҳисоби афзоиши омилҳои сармоя сармоягузорӣ номида мешавад**"** |
| Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» | **"сармоягузорӣ** - аз ҷониби сармоягузор дар шакли дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гузоштани сармоя дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани фоида" |
| Раҳимов.Р.К. | "сармоягузориҳо ин ҳама харҷҳо барои харидани мошинҳо ва таҷҳизотҳо, амалигардонии корҳои сохтмонию васлкунӣ, тағйирдиҳии захираҳо ва ғайраҳо мебошанд" |
| Тошматов М.Н. Дадоҷонова Н.М. | "сармоягузорҳо ин ҷараёнҳое мебошанд, ки аз тавсифи сифати ва миқдории он ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, шароити меҳнат, сатҳи зиндагии аҳолӣ, иқтидори истеҳсолии давлат, самаранок ташкилкунии он, сохтори соҳавӣ ва такористеҳсоли истеҳсолоти ҷамъиятӣ алоқаманди зич доранд" |
| Узакова Г.М. | "сармоягузорӣ гуфта ин хароҷоти субъектони иқтисодиётро ба амволи ҳақиқӣ, моликияти зеҳнӣ ва дороиҳои молиявӣ мефаҳманд, ки оварандаи натиҷаҳои мусбӣ ё манфӣ дар давоми вақт дар шакли даромад ё зарар мебошанд" |

**Сарчашма:** таҳияи муҳаққиқ дар асоси назарияҳои омӯхташуда.

Масъалаҳои гузоштаи таҳқиқот муайян кард, ки новобаста аз оне ки дар самти самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ корҳои зиёд карда шудаанд, аммо боз ҳам вобаста ба таъсири технологияҳои нави таълимӣ таҳқиқотҳои пурратаро талаб мекунад. Аз ин нуқтаи назар, муҳимтарин масъалаи таҳқиқот истифодаи усулҳои муосири муайянкунии самарнокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Таҳқиқот нишон дод, ки асоси самаранокии равандҳои сармоягузориро дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ сиёсати иҷтимоии давлат таъмин карда метавонад. Сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ раванди хело мураккаб дониста

шудааст. Бинобар ин муаллиф моҳияти сармоягузориро бо назардошти тамоми равандҳои омӯхташуда маънидод намудааст.

Ба ақидаи муаллиф “сармоягузорӣ маҷмӯи арзишҳои пулӣ, молӣ ва интеллектуалиро дар худ нишон дода, дар тадбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, фарҳангӣ бо мақсади афзун намудани сармояи ҳақиқии ҷомеа ва самаранокии истифодаи он гузошта шуда, дорои натиҷаи афзудани фоидаи (даромад) субъектони иқтисодӣ ва ё бадастории самараи мусбии иҷтимоиву экологӣ мебошад”.

Инчунин дар диссертатсия муҳаққиқ нақши соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбиро дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст. Дар ин зербоб аҳамияти хизматрасониҳои соҳаи маориф дар тамоми соҳаи хоҷагии халқ, инчунин ақидаи олимони ватаниву хориҷӣ оид ба нақши хизматрасониҳои соҳаи маориф, махсусан қисмати муҳимтарини он, соҳаи таҳсилоти олии касбӣ омӯхта шудааст (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Шарҳи нақш ва моҳияти хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар рушди ҷомеа аз ҷониби олимонихориҷиву ватанӣ**

| Муаллифон | Мафҳум |
|---|---|
| Ожегов С.И. | “соҳаи маорифро дар ду намуд фаҳмидааст, якум ҳамчун омӯзиш ва маърифат, дуюм ҳамчун маҷмуи донишҳое, ки дар натиҷаи таълимоти махсус гирифта мешаванд” |
| Декларатсияи СММ оид ба масъалаи маориф, илм ва фарҳанг | “дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ нақши асосиро таълимоти олии касбӣ мебозад” |
| Скворсова В.А Шарыпина Л.Е. | “нақши соҳаи маориф ва илм дар иқтисодиёти ҷомеа гузариши иқтисодиётро ба рушди инноватсионӣ нишон дода, тавсифдиҳандаи илмғунҷоиш ва сохторкунонии нави истеҳсолот, бартарияти сифат бар шумора, захиракунонии манбаҳо ва энергия мебошад” |
| Балхын Г. А. | “соҳаи маориф ҳамчун талаботи маънавии инсон дар қатори талаботҳои ғайриқтисодие, ки тадбиқи онҳо шинохтани худ ва ҷаҳони иҳоташудаpo ба вуҷуд меорад дониста мешавад” |
| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» | *“маориф* - раванди таълиму тарбия ба манфиати шахс, ҷамъият ва давлат, ки соҳиби дараҷаи муайяни таҳсилот гардидани таълимгирандагонро таъмин мекунад” |
| Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон | “таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ намудани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муссисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳои илму маориф ба шумор меравант” |
| Бобоҷонов Р.М. | “маълумот яке аз унсурҳои муҳимтарини рушди инсонӣ мебошад” |

**Сарчашма:** таҳияи муҳаққиқ дар асоси назарияҳои омӯхташуда

Таҳлили назариявии моҳияти иқтисодии фаъолияти таълимӣ онро нишон медиҳад, ки соҳаи маориф ба яке аз омилҳои бевосита таъсиррасон ба ҷараёни такрористеҳсоли тавсифи сифатии қувваҳои корӣ – омили хусусии истеҳсоли неъматҳои моддӣ, дохил мешавад.

Низоми маориф ҳалкунандаи масъалаҳои бо ҳам марбут, ба монанди қонеъсозии ниёзҳои зеҳнӣ ва касбии шахсият ва баландбардорандаи зарфияти зеҳнӣ ва касбии ҷомеа мебошад. Маориф ин рушддиҳандаи шахсият, қобилияти инфиродӣ, баландбардорандаи тарбияи касбӣ ва ташаккулдиҳандаи иқтидори илмии ҷомеа дониста шуда, асоси пешрафти иқтисодиётро дар шароити рақобати шадид ташкил менамояд.

Дар диссертатсия сармоягузорӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, сарчашмаҳо ва усулҳои муайянкунии самаранокии онҳо низ нишон дода шудааст. Гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои бозорӣ тағйиротҳоро дар муносибатҳои молиявии субъектҳои иқтисодӣ аз ҷумла бахши маориф низ ба вуҷуд овард. Низоми муосири муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар аз рӯи нуқтаи назари молиявӣ тафовути хеле зиёд аз низоми анъанавии таҳсилот дорад.

Гузоштани сармоя ба иқтисодиёте, ки дорои аҳолии сатҳи пасти донишҳо ва ба талаботи стандартҳои байналмилалии муосири таълим ҷавобгӯ нестанд, танҳо ба бунёди истеҳсолоти аз ҷиҳати технологӣ камсамару қафомонда, қафомонии бештари мамлакат аз тамоюлоти ҷаҳонии рушди инноватсионии иқтисодиёти дар асоси илм ва маориф асосёфта мусоидат карда метавонаду халос. Яъне сармоягузорӣ дар шароити муосир ба мамлакати дорои маорифи суст дошта бесамар дониста мешавад.

Давлат бо дарки он, ки аҳолии саводнок дар рушди иқтисодиёт нақши асосиро мебозад соҳаи ТОК маблағгузорӣ мекунад. Дар корхонаҳо бошад корфармо барои аз такмили ихтисос гузаронидан ва бозомӯзиии онҳо хароҷот мекунад, зеро ин гуна хароҷот ба баланд шудани касбияти кормандон равона шуда, дар оянда ба фоидаи калон меорад.

Дар таҳқиқот барои арзёбии самаранокии сармягузорӣ ба соҳаи таҳсилоти олӣ даромади (арзиши) софи холис истифода шудааст. Нишондиҳандаи мазкур тавсифдиҳандаи натиҷаи умумии сармоягузорӣ ба таҳсилот мебошад. Дар ҳолати даромади софи холис (NPV>0) калон аз сифр будан барои сармоягузорӣ қарори мусбат қабул карда мешавад. Дар ҳолати (NPV<0) даромади софи холис хурд аз нол будан қарор оид ба сармоягузорӣ қабул карда намешавад.

Даромади (арзиши) софи холис аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешаваад:

$$\mathbf{NPV} = -\sum_{t=1}^{Tr} \mathbf{I}\,\frac{1-(1+i)^{-t}}{i} + \sum_{t=1}^{T} \mathbf{C}\,\frac{(1+i)^{-t}}{i}$$

дар инҷо:

**I** – селаҳои пулии сармоягузориҳои ибтидоӣ;

**C** – селаҳои пулии аз коркарди сармоягузориҳо дар давраи t бадаст омада;

**i** – меъёри фоизи дисконткунонӣ;

**t**– мухлати ҳисобҳо (сол, се моҳа, моҳ...);

**T** – бузургии давраи ҳисоб;

**$T_r$** – мухлатҳои сармоягузорӣ.

Дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба сармоягузории соҳаи хизматрасониҳои ТОК дар диссертатсия муҳаққиқ муайян намудааст, ки андозаҳои калидии баҳодиҳии самаранокии равандҳои сармоягузориҳо ба соҳаи

хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ муайянкунии бартариятҳои ин ё он равандҳои сармоягузорӣ дониста мешаванд. Зеро захираҳои сармоягузорӣ маҳдуд мебошанд ва бинобар ин муассисаҳои олии касбиро зарур аст, ки онҳоро самаранок истифода намоянд.

Барои ташкили механизми нави маблағгузории низоми ТОК дар вобастагӣ ба шароитҳои бозоргонӣ афзун намудани ҳаҷми ҳам маблағгузориҳои буҷетӣ ва ҳам дигар сарчашмаҳо ва истифодаи самраноки онҳо аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ хело муҳим дониста мешавад.

**Дар боби дуюм “Таҳлил ва баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** таҳқиқи раванди истифодабарии фондҳои асоси дар соҳаи ТОК дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун раванди асосии ҷолибнокии сармоягузорӣ, сохтори муосири соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат ва дурнамои рушди он, ҳолати имрӯзаи сарчашмаҳои сармоягузориҳо ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ ва самаранокии онҳо, мукаммалсозии низоми маблағгузории соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсифи сарчашма ва раванди сармоягузориҳо дар мамлакатҳои рушёфта ва ру ба тараққи мавриди таҳқиқиот қарор гирифтаанд.

Дар диссертатсия раванди истифодаи фондҳои асосӣ дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ ва сармоягузорӣ ба онҳо таҳлил ва баҳогузорӣ шудаанд (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. - Арзиши тавозунии фондҳои асосии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ**
**дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. сомонӣ**

| Солҳо | Мавҷудият дар аввали сол | Дар соли ҳисоботи ворид шуд | Дар соли ҳисоботи хориҷ шуд | Мавҷудият дар охири сол |
|---|---|---|---|---|
| 2016 | 463,47 | 44,49 | 26,68 | 481,31 |
| 2017 | 481,31 | 52,71 | 27,45 | 506,58 |
| 2018 | 506,58 | 60,5 | 33,69 | 533,4 |
| 2019 | 533,4 | 74,1 | 35,36 | 575,86 |
| 2020 | 575,86 | 78,9 | 39,03 | 615,73 |
| 2021 | 615,73 | 91,0 | 40,8 | 665,9 |
| 2022 | 665,9 | 99,5 | 45,1 | 720,33 |

**Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маълумоти ҳисоботи омори давлатии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шудааст.

Дар раванди таҳқиқот динамикаи арзиши тавозунии фондҳои асосии соҳаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриро мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки соли 2016 тавозуни фондҳои асосӣ дар аввали сол ба 463,47 млн. сомонӣ баробар шуда, то соли 2022 ин нишондод ба 665,9 млн. сомонӣ расид. Инчунин арзиши фондҳои дар солҳо ҳисоботи ворид шуд, соли 2016 бошад, 44,49 млн. сомониро ташкил дода, то соли 2022 он ба 99,5 млн. сомонӣ расид. Арзиши фондҳои асосӣ дар охири соли ҳисоботӣ аз 481,31 млн. сомонӣ дар соли 2016 ба 720,33 млн. сомонӣ дар соли 2022 баробар гашт.

Коэффитсиенти навсозии воситаҳои асосӣ дар соли 2016 ба 0,09 баробар шуда, ин нишондод дар соли 2017 ба 0,1 расидааст, ки дар соли 2018 афзоиш ёфт ва ба 0,11 баробар шуд, солҳои 2019-2020 ба 0,13 ва солҳои 2021-2022 ба 0,14 расида аст (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. - Коэффитсиенти навсозӣ, барҳамдиҳӣ ва суръати афзоиши фондҳои асосии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо | Коэффитсиенти навсозии фондҳои асосӣ | Коэффитсиенти барҳамдиҳии фондҳои асосӣ | Коэффитсиенти суръати афзоиши фондҳои асосӣ |
|---|---|---|---|
| 2016 | 0,09 | 0,06 | 0,04 |
| 2017 | 0,10 | 0,06 | 0,05 |
| 2018 | 0,11 | 0,07 | 0,05 |
| 2019 | 0,13 | 0,07 | 0,07 |
| 2020 | 0,13 | 0,07 | 0,06 |
| 2021 | 0,14 | 0,07 | 0,08 |
| 2022 | 0,14 | 0,07 | 0,08 |

**Сарчашма:** Ҷадвал дар асоси маълумоти ҳисоботи омори давлатии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шудааст.

Коэффитсиенти барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ нисбат ба коэффитсиенти навсозии воситаҳои асосӣ дар тамоми давраи таҳлилӣ нисбатан камтар буда, соли 2016 ва 2017 ба 0,06 баробар он аз соли 2018 то соли 2022 ба 0,07 расидааст.

Коэффитсиенти суръати афзоиши фондҳои асосӣ дар соли 2016 ба 0,04, соли 2017 ба 0,05, соли 2019 ба 0,07 ва 2020 ба 0,06 ва солҳои 2021-2022 ба 0,08 баробар шудааст. Арзиши коэффитсиент ҳар қадар баланд бошад, фондҳои асосии корхонаҳо ҳамон қадар зудтар нав карда мешаванд.

Дар диссертатсия маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи хизматрасониҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таи солҳои 2015-2022 баҳогузорӣ шудаанд (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. - Сохтори лоиҳаи маблағгузории буҷети соҳаи тасилои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022 (млн.сомонӣ)**

| Маблағ | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ маблағгузориҳои буҷетӣ соҳаи таҳсилоти олии касбӣ | 477,1 | 556,2 | 632,7 | 606,1 | 716,5 | 888,9 | 1077,1 | 1191,9 |
| Фонди музди меҳнат | 310,1 | 361,5 | 411,3 | 393,9 | 465,7 | 577,3 | 700,1 | 772,4 |
| Барои тайёркунии мутахассисон | 30,1 | 28,4 | 53,1 | 49,1 | 56,6 | 74,6 | 91,5 | 102,5 |
| Дигар самтҳо | 136,9 | 166,3 | 168,3 | 163,0 | 194,2 | 237,0 | 285,5 | 317,0 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муҳаққиқ дар вобастагӣ аз маълумоти “Ҳисобот оиди иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” сомонаи расмии Вазорати молии Ҷумҳурии Тоҷикистон http://minfin.tj/

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 3 дар диссертатсия нишон медиҳад, ки ҳамагӣ маблағгузориҳои лоиҳаи буҷетӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1191,9 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2021, 1,1 маротиба (9,6%) зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда

нисбат ба соли 2015 бошад, 2,5 маротиба зиёд мебошад. Яъне дар давоми ҳафт соли ҳисоботӣ ҳаҷми маблағгузориҳо аз ҳисоби буҷетӣ давлатӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбии мамлакат зиёд гардидааст.

Дигар самтҳои маблағгузории буҷети давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбии мамлакат ин таъмири ҷорӣ, идрорпулиҳо, пардохт барои хизматрасониҳои коммуналӣ ва ғайра мебошад. Ҳаҷми ин маблағгузориҳо (ба дигар самтҳо) дар соли 2022, 317,0 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2021, 1,1 маротиба зиёд мебошанд.

Инчунин дар диссертатсия маблағгузориҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи хизматрасониҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ аз ММД ҳамчун нишондиҳандаи асосии рушди иқтисодиёт таҳлил гардидааст (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. - Маблағгузории буҷети давлатӣ ба соҳаи хизматрасонҳои таҳсилоти олии касбӣ аз маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД), млн. сомонӣ**

| Соҳа | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Ҳамагӣ дар соҳаи маориф | 2918,6 | 3146,2 | 3581,1 | 3863,1 | 4404,9 | 4419,2 | 5385,3 | 6379,8 |
| Аз ҷума: соҳаи таҳсилоти олии касбӣ | 477,1 | 556,2 | 632,7 | 606,1 | 716,5 | 888,9 | 1077,1 | 1191,9 |
| Ҳамагӣ дар соҳаи маориф аз ММД, бо % | 5,5 | 5,5 | 6,10 | 5,8 | 5,6 | 5,2 | 5,8 | 5,5 |
| Ҳамагӣ соҳаи таҳсилоти олии касбӣ аз ММД, бо % | 0,95 | 1,0 | 1,1 | 0,9 | 0,9 | 1,05 | 1,2 | 1,02 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муҳаққиқ дар вобастагӣ аз маълумоти “Ҳисобот оиди иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” сомонаи расмии Вазорати молии Ҷумҳурии Тоҷикистон http://minfin.tj/

Таҳлили ҷадвали 6 дар дисетратсия нишон дод, ки дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчун як қисмати асосии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ ба монанди соҳаи умуми маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ сол то сол зиёд шуда истодааст, аммо ҳиссаи он аз ММД дар як фоизи пасти бетағйир боқи мондааст. Масалан, дар соли 2022 ҳиссаи маблағгузорӣ ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои буҷетӣ агар аз ММД 1,02%-ро агар ташкил карда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2021 1,2%-ро мондааст.

Вобаста ба имкониятҳои мавҷуда дар диссертатсия маблағгузории сарикасии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат ҳисоб шудааст (ҷадвали 7).

**Ҷадвали 7. Динамикаи маблагузории сарикасии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Сол | Маблағгузорӣ ба МТОК млн. сом | Шумораи омӯзгорон (ҳаз. нафар) | Шумораи донишҷӯён (ҳаз. нафар) | Ба сари як омӯзгор ба ҳисоби миёна (ҳаз.сомонӣ) | Ба сари як донишҷӯ ба ҳисоби миёна (ҳаз.сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 477,1 | 9,2 | 165,3 | 51,6 | 2,9 |
| 2016 | 556,2 | 9,9 | 176,5 | 56,2 | 3,2 |
| 2017 | 632,7 | 10,01 | 186,9 | 63,2 | 3,4 |
| 2018 | 606,1 | 10,3 | 195,7 | 58,8 | 3,1 |
| 2019 | 716,5 | 10,6 | 209,8 | 67,6 | 3,4 |
| 2020 | 888,9 | 11,7 | 229,6 | 75,9 | 3,9 |
| 2021 | 1077,1 | 11,75 | 245,8 | 91,7 | 4,4 |
| 2022 | 1191,9 | 12,6 | 239,5 | 94,6 | 4,9 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муҳаққиқ дар асоси маводи омори маориф дар Ҷумуҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Мувофиқи маълумоти таҳлил гардида маълум гардид, ки маблағгузории сарикасии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат ба сари ҳар як омӯзгор дар соли 2022 94,6 ҳаз. сомонӣ ва ба сари ҳар як донишҷӯ 4,9 ҳаз. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2015 барои омӯзгорон 1,8 маротиба ва барои донишҷӯён 1,5 маротиба зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 8. - Динамикаи маблагузории сарикасии таҳсилоти олии касбӣ дар баъзе аз давлатҳо**

| Давлатҳо | Шумораи донишҷӯён (ҳаз. нафар) | Маблағгузорӣ ба МТОК млн. долар | Нисбат ба ММД бо % | Ба сари як донишҷӯ ба ҳисоби миёна (доллар) |
|---|---|---|---|---|
| Федератсияи Россия | 4000,0 | 7800,0 | 0,5 | 1950 |
| Ҷумҳурии Белоруссия | 254,4 | 351,9 | 0,6 | 1338,3 |
| Ҷумҳурии Қазоқистон | 575,5 | 575,5 | 0,3 | 1005,2 |
| Ҷумҳурии Узбекистон | 311,5 | 270,0 | 0,5 | 866,8 |
| Ҷумҳурии Қирғизистон | 214,0 | 82,2 | 1,1 | 384,3 |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 229,36 | 91,0 | 1,1 | 396,3 |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муҳаққиқ дар асоси маводи омори давлатҳо таҳия шудааст.

Маводи таҳлилгардида дар диссертатсия нишон медиҳанд, ки ҳаҷми маблағгузорӣ дар Федератсияи Россия ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ 7800 млн. доллар дар Ҷумҳурии Белоруссия 351,9 млн. доллар дар Ҷумҳурии Қазоқистон 578,5 млн.доллар дар Ҷумҳурии Узбекистон 270,0 млн. доллар дар Ҷумҳурии Қирғизистон 82,2 млн. доллар ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 91,0 млн. долларро ташкил додааст. Дар ҳамин давраи таҳлилӣ ба мо маълум гардид, ки ҳисаи маблағгузориҳо ба соҳаи хизматрасонии таҳсилоти олии касбӣ нисбат ба ММД дар Федератсияи Россия 0,5%, Ҷумҳурии Белоруссия 0,6%, Ҷумҳурии Қазоқистон 0,3%, Ҷумҳурии Узбекистон 0,5%, Ҷумҳурии Қирғизистон 1,1% ва Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,1%-ро ташкил додааст. Маблағгузории сарикасӣ аз ҳама бештар дар Федератсияи Россия 1950 доллар ба ҳисоб рафта, дар Ҷумҳурии Белоруссия 1383,3 доллар, Дар Ҷумҳурии Қазоқистон 1005,2 доллар, дар Ҷумҳурии Узбекистон 866,8 доллар, дар Ҷумҳурии Қирғизистон 384,3 доллар ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 396,3 доллар мебошад, ки аз ҳама камтарин дар Қирғизистон ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нишондиҳанда баъд аз Ҷумҳурии Қирғизитон нисбат ба дигар давлатҳои таҳлил шуда, камтар мебошад.

Дар давраи муосири рушди ҷамъият зарурияти гуногуни навсозӣ дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо суръати рушди соҳаи таҳсилоти ҷаҳонӣ пайдо шудааст. Таъкид метавон кард, ки асоси навсозии соҳаи таҳсилоти касбӣ дар баргирандаи унсурҳои зерин мебошад: мубодилаи барномаҳои таълимӣ ва мубодилаи академии донишҷӯён, ҷолибнокии воситаҳои молиявии корфармоён ва шаҳрвандон ҳамчун сарчашмаи асосии сармоягузории муассисаҳои олӣ, истифодаи мақсаднок, самаранок ва асосноки воситаҳои буҷетӣ барои таъмини дастарсии баробари шаротҳои таълимӣ дар муассисаҳои олӣ ба ҳамаи шаҳрвандон.

Дар диссертатсия ҳиссаи донишҷӯён аз ҳаҷми умумии аҳолӣ дар баъзе аз давлатҳо таҳлил, баҳогузорӣ ва муқоиса карда шудааст (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 9. - Ҳиссаи донишҷӯён аз ҳаҷми умумии аҳолӣ дар соли 2021 дар баъзе мамлакатҳо**

| Мамлакатҳо | Шумораи аҳолӣ (млн. нафар) | Шумораи донишҷӯён (ҳаз. нафар) | Ҳиссаи донишҷӯён бо фоиз аз ҳаҷми умумии аҳолӣ (%) |
|---|---|---|---|
| ИМА | 327200,0 | 11748,3 | 3,6 |
| Федератсияи Россия | 146900,0 | 3070,2 | 2,1 |
| Олмон | 82790,0 | 2645,5 | 3,2 |
| Фаронса | 66890,0 | 2616,6 | 3,9 |
| Ҷопон | 126100,0 | 3670,4 | 2,9 |
| Ҷумҳурии Қазоқистон | 18400,0 | 542,5 | 2,9 |
| Ҷумҳурии Ўзбекистон | 31900,0 | 297,6 | 0,9 |
| Ҷумҳурии Қирғизистон | 6400,0 | 162,0 | 2,5 |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 9506,0 | 245,9 | 2,6 |

**Сарчашма:** аз ҷониби муҳаққиқ дар асоси омори маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаҳои интернетӣ сохта шудааст.

Мувофиқи маълумотҳои ҷадвали 9 аз 9 давлате, ки маълумоти омориашон оид ба ҳиссаи донишҷӯён аз ҳаҷми умумии аҳолиашон нишон дода шудааст, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойи 6 қарор дорад. Дар ҷойи аввал Фаронса, ки аз ҳаҷми умумии аҳолиаш 3,9% он дар муассисаҳои олии кишвар таҳсил менамоянд. Дар ҷои дуюм ИМА мебошад, ки 3,6% аҳолиаш дар муассисаҳои олии кишвар таҳсил менамоянд. Дар ҷойи сеюм бошад, Олмон ҷоийгир карда шуд, ки 3,2% ҳаҷми умумии аҳолиаш дар муассисаҳо таҳсил менамоянд. Ҷумуҳурри Тоҷикистон бошад, дар ҷойи 6-шашум, пеш аз Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Федератсияи Россия мебошад. Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад, аз ҳама зинаи охир, ки 0,9% аҳолӣ дар муассисаҳои олии касбӣ таҳсил менамоянд, ҷоийгир карда шудааст.

Дар диссертатсия самаранокии сармоягузориҳо ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат аз нуқтаи назари (мавқеӣ) хоҷагии хонаводагӣ ва буҷети давлатӣ таҳлил ва баҳогузорӣ шудааст. Маълум аст, ки гузариш ба иқтисоди бозорӣ сарчашмаҳои маблағгузориро ба соҳаи таҳсилот куллан тағйир додааст. Айни замон ба ғайр аз буҷети давлатӣ боз аз ҳисоби сарпарастон (корхонаҳо, хоҷагиҳои хонаводагӣ) шартномаи таҳсил маблағгузорӣ карда мешавад. Аз рӯи маълумоти оморӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (МТОК ҶТ) зиёда аз 70% донишҷӯён тариқи шартнома таҳсили худро давом дода истодаанд ва аз ин метавон чунин хулоса баровард, ки зиёда аз 70% сармоягузориро ба МТОК ҶТ ҳиссаи сармояи хусусӣ (ҳиссаи сарпрастон) ташкил менамояд.

Дар диссертатсия овардашудааст, ки ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ самараи дисконткунонӣ истифода мешавад. Фарқ байни бузургии хароҷот ва манфиати дисконткунонидашуда "даромади софи холис (NPV)" меъёри муайянкунандаи дилхоҳ лоиҳаи сармоягузорӣ дониста мешавад. Яъне ба сифати усули муайянкунандаи хароҷотбарории сармоягузорӣ дар диссертатсия даромади софи холис (NPV) истифода бурда мешавад. Дар баробари хароҷоти таҳсил ва даромад дар истифодабарии даромади софи холис (NPV) истифодаи меъёри миёнаи фоизи бонкӣ низ зарур шуморида мешавад.

Натиҷаи таҳлилҳои диссертатсия нишон медиҳанд, ки натиҷаи даромади софи холис дар соҳаи энергетика, тиб ва хоҷагии қишлоқ манфӣ аст. Ин маънои онро дорад, ки дар тамоми давраи фаъолият мутахассиси соҳаҳои мазкур дар кишвар сармояе, ки барои таҳсил сарф кардаанд боз харид карда наметавонанд (Ҷадвали 10).

**Ҷадвали 10. - Ҳиссаи нишондиҳандаи даромади софи холис дар соҳаи ТОК ҶТ (млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | Соҳаҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | энергетика | Молия | Тиб | хоҷагии қишлоқ |
| Даромади софи холис (**NPV**) | -4446,8 | 7558,5 | -45213,6 | -23541 |
| Муҳлати хароҷотбарорӣ (сол) | надорад | 4 | надорад | Надорад |

**Сарчашма:** Дар асоси маълумоти дастури иттилоотию методии роҳнамои довталаби Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Вобаста аз натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда дар диссертатсия нақшаи модели раванди ташкили сармояи инсонӣ ва натиҷанокӣ аз он тасвир шудааст (расми 1).




**Расми 1. Модели раванди ташкили сармояи инсонӣ ва натиҷанокӣ аз он**

**Сарчашма:** Модели таҳияи намуди муҳаққиқ

Бо мақсади таҳлили вобастагии ҳаҷми умумии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз ҳаҷми маблағгузориҳо ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар диссертатсия таҳқиқи регрессионӣ-коррелатсионӣ гузаронида шудааст.

$$y = 16965 + 77{,}601x$$

$$R^2 = 0{,}9186$$

Дар натиҷаи таҳлил дар диссертатсия муайян гардидааст, ки $R^2$ ба 0,9186 баробар аст, пас ин нишондиҳанда шаҳодат аз он аст, ки маблағгузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат аз ҳаҷми ММД вобастагии регрессионии зич дорад.

Таҳлили равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат собит намуд, ки дар солҳои охир таваҷҷӯҳи ҷавонон ба таҳсилоти олии касбӣ каме коста гардидааст, ки ин сабаби асосии воридшавии сармоягузориҳои хусусӣ ва коллективӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар гардидааст. Яке аз омилҳои асосие, ки ҳавасмандии ҷавононро барои гирифтани маълумоти олии касбӣ коҳиш додааст, аз нигоҳи мо ин пеш аз ҳама хеле дар сатҳи паст қарор доштани музди меҳнат дар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат, хусусан дар соҳаҳои тандурустӣ, хоҷагии қишлоқ, маориф ва ғайра мебошад.

Дар диссертатсия хулоса карда шудааст, ки низоми музди меҳнат дар ин соҳаҳои калидии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дошта, дар акси ҳол дар оянда метавонад ҳамчун омили асосии боз коҳишёбии таваҷҷуҳи ҷавонон ба ин соҳаҳо гардад. Дар ин сурат таъминоти хоҷагии халқи мамлакат бо мутахассисони маълумоти олии касбӣ дошта боз ҳам мураккабтар хоҳад гашт.

**Дар боби сеюм “Роҳҳои баланд бардоштани самаранок истифодабарии сармоягузориҳо дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ”** ҷолибнокӣ ва самаранок истифодабарии сармоягузориҳои хусусӣ дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, диверсификатсия сохтори хароҷот дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ, афзун намоии сарчашмаҳои буҷетии маблағгузории соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҷумҳурӣ, интихоби моделҳои мувофиқи молиякунонии сарчашмаҳои сармоягузории соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотҳои диссертатсия дар самти ҷолибнокии сармоягузориҳои хусусӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ нишон медиҳанд, ки дар низоми хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкили низоми пардохт барои таҳсил масъалаи кам кардани хароҷоти буҷетӣ ва самаранок тақсим намудани онҳо аз рӯи принсипи басандагӣ будани маблағҳои пулӣ дар ҳама сохтори таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат ба ҳисоб меравад.

